**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Шаҳнозаи Турсунзода таҳти унвони “Калимасозии сифат дар “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Калимасозӣ яке аз роҳҳои муҳимми такмили таркиби луғавии забони адабӣ маҳсуб меёбад. Маҳз бо ҳамин роҳ таркиби луғавӣ инкишоф меёбад. Соҳибзабонон дар тули асрҳо барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти худ бо истифода аз қолабҳои гуногун калимаҳои зиёде сохтаанд, зеро дар натиҷаи дигаргуниҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, илмӣ, маданӣ ва умуман пешравии ҷомеа забон низ рушду такомул меёбад.

Диссертатсияи Шаҳнозаи Турсунзода дар мавзуи “Калимасозии сифат дар “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ” ба масъалаи омӯзишу таҳқиқи ҳамин масъалаи ҷолиби диққат бахшида шудааст.

Чунонки аз муҳтавои автореферат бармеояд, диссертатсияи мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳрасти адабиёт иборат мебошад. Дар муқаддима мубрамият ва зарурати таҳқиқи масъалаи мазкур, дараҷаи аз худ шудани мавзуи илмӣ, ҳадафу объекти таҳқиқот, мавзуъ ва масъалаҳои кори илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, эътимоднокии натиҷаҳои он, заминаҳои методологӣ ва назариявии он, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии пажуҳиш баён гардида, мақсад ва вазифаҳои асосии диссертатсия мушаххас шудаанд.

Боби якуми диссертатсия - “**Калимасозии сифат бо пешвандҳо дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ**”, ба таҳқиқи сифатҳои бо пешвандҳо сохташуда бахшида шудааст.

Дар ин боб диссертант дар баробари дар асари номбурда муайян намудани мавқеъ ва доираи истеъмоли пешвандҳои сифатсоз дар асоси сарчашмаҳои муътамади илмӣ дар хусуси ҳар як пешванд, доираи истеъмол ва мавқеи онҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ маълумоти боварибахш додааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки диссертант дар ин боби кор тамоми ҷузъиёти ин қолаби калимасозии сифатро дар асари адиб муайян карда, онро бо дигар сарчашмаҳои илмию адабӣ муқоиса намудааст. Дар натиҷа саҳми устод Садриддин Айнӣ ва ҷойгоҳи сабку услуби адибро дар баробари дигар қаламкашон бо мисолҳои мушаххас нишон додааст.

Аз рӯйи мушоҳидаи диссертант, дар “Ёддоштҳо” сермаҳсултарин пешвандҳои сифатсоз **бе-** ва **но-** ба ҳисоб мераванд.

Ҳамин тавр, дар ин боби кор диссертант ба мақсадҳои дар пеш гузошта расида, натиҷаҳои дилхоҳи илмӣ ба даст овардааст.

Боби дуюми диссертатсия “Калимасозии сифат бо пасвандҳо дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ” номгузорӣ шудааст. Дар ин боб

диссертант ҷойгоҳ ва доираи истифодаи пасвандҳои сифатсозро дар "Ёддоштҳо"-и Садриддин Айнӣ омӯхта, мавқеи пасвандҳои сифатсозро дар асари номбурда бо далелу бурҳони қотеъ равшану возеҳ нишон додааст. Дар асар, бинобар маълумоти диссертант, 18 пасванди сифатсоз мавриди корбаст қарор гирифтааст.

Бинобар таҳқиқи диссертант, ин навъи калимсозии сифат дар асари адиб яке аз сермаҳсултарин навъи калимасозӣ ба шумор рафта, муҳаққиқ доираи истеъмоли ҳар як пасвандро муайян кардааст. Дар асоси маводи диссертатсия, дар "Ёддоштҳо" пасвандҳои сифатсози **-ӣ, -нок, -манд, -она** ва **-гар** аз рӯйи дараҷаи истеъмол ва маҳсулнокӣ ба гурӯҳи пасвандҳои калимасози сермаҳсул дохил мешаванд. Адиби нуктасанҷу маънирас бо пасванди **-она -62 калима,** бо пасванди **-нок 18 -калима**, бо пасванди **-манд -7 калима,** бо пасванди **-гар -11калимаро** дар асараш мавриди истифода қарор додааст.

Боби сеюми диссертатсия **"Сохтори сифатҳои мураккаб дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ"** ном дорад. Боби мазкур аз се фасл иборат мебошад. Фасли якуми боби сеюм ба масъалаи калимасозии сифатҳои мураккаби пайваст бахшида шудааст. Чи тавре ки маълум аст, дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ калимасозии ин қолаб чандон сермаҳсул нест. Дар асари тарҷумаҳолии Садриддин Айнӣ - "Ёддоштҳо", низ шумораи сифатҳои мураккаби пайваст кам аст. Аз рӯйи таҳқиқи муаллиф, дар асар бо ин қолаб 19 калима ба чашм расидааст. Чунончи: **суп-сурх, қатра-қатра, ҳим-ҳим, калон-калон, дароз-дароз, тӯб-тӯб, чакра-чакра, тоза ба тоза, тарсу ларзон, ҷалӣ-калон, дона-дона, сахт-сахт, порча-порча...** Муҳаққиқ баъди муайян сохтани калимаҳои мазкур барои нишон додани ҷойгоҳи онҳо дар асар мисолҳои мушаххас оварда, аз назари услуби баён ва тобишҳои гуногуни маънои онҳоро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Аз таҳлили мисолҳои овардаи диссертант маълум мегардад, ки сифатҳои мураккаби пайваст дар "Ёддоштҳо" ба монанди забони адабии ҳозираи тоҷикӣ аз назари доираи истеъмол мақоми вижаро касб намекунад.

Фасли дуюми боби сеюм - "Сифатҳои мураккаби тобеъ", ба таҳлилу баррсии сифатҳои мураккаби тобеъ бахшида шудааст. Чи тавре ки маълум аст, калимасозии сифатҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии тоҷикӣ яке аз сермаҳсултарин навъи калимасозии сифатҳои мураккаб ба шумор меравад. Дар асари мавриди таҳқиқи диссертант низ доираи истеъмоли сифатҳои мураккаби тобеъ хеле васеъ ба назар мерасад. Адиби мумтоз дар "Ёддоштҳо" зиёда аз 600 сифати мураккаби тобеъро мавриди истифода қарор додааст. Бояд махсус таъкид намуд, ки дар баробари калимаҳои маъмули забони адабии тоҷик адиб вожаҳоеро мавриди истифода қарор додааст, ки хоси забон ва услуби фардии

нависанда мебошанд. Ногуфта намонад, ки диссертант ҳар як сифати мураккаби тобеъро дар баробари таҳлили сохторӣ аз рӯйи зарурат таҳлили маъноӣ низ кардааст.

Фасли сеюми боби сеюм ба калимасозии сифатҳои мураккаби омехта бахшида шудааст. Дар ин фасл низ диссертант ин қолаби калимасозии сифатро дар доираи маводи асари адиб ба риштаи таҳқиқ кашида, доманаи итифодабарии калимасозии сифатҳои мураккаби омехтаро таҳлил кардааст.

Дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ дар автореферат баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба назар расиданд:

1. Дар автореферат баъзе ҷумлаҳо таҳрирталабанд.
2. Дар баъзе саҳифаҳои автореферат ғалатҳои имлоӣ (саҳ. 7, 9, 13) ва техникӣ (12, 13, 16, 18) роҳ ёфтаанд.

Камбудиҳои зикршуда ҷузъӣ буда, арзиши илмии кори таҳқиқии довталабро кам намекунанд, балкиислоҳи онҳо ба кор ҳусни бештар зам хоҳад намуд.

Автореферати диссертатсияи **Шаҳнозаи Турсунзода** таҳти унвони **“Калимасозии сифат дар “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ”** ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

**Муқарриз:**

Доктори илмҳои филологӣ, дотсент,
сардори раёсати илм ва инноватсияи
МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” Олимҷонов М. О.
Телефон: (+992) 90-210-99-20
Email: Olimi73@mail.ru

«Имзои Олимҷонов Мусо Обидовичро тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” Сайдуллозода З. С.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.
Тел.: (+992) 92 805 70 07
E-mail: zarrina_14.10.70@mail.ru
«03» сентябри соли 2025